# Ёддошти

**тафоҳум байни Ташкилоти ҷамъиятии Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ-Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

ш. Душанбе

**Ҳолатҳои умумӣ**

Хазинаи ҷамъиятии Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ-Тоҷикистон (минбаъд- Хазина) **аз як тараф** ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумхурии Тоҷикистон (минбаъд - Агентӣ) **аз тарафи дигар**, ки дар якҷоягӣ **тарафҳо** номида мешаванд, Ёддошти мазкурро ба имзо расониданд:

**1. Ҳадафҳо**

Хазина ва Агентӣ ҳамчун шарикон ба ҳисоб рафта, чиҳати амалисозии ҳадафҳои дар Ёддошти мазкур зикргардида ҳамкорӣ менамоянд:

- муваффақ шудан дар самти омилҳои ба коррупсия алоқаманд ва паст кардани хавфи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст;
- омӯзиш ва пахн намудани иттилоот оид ба натиҷаҳои чорабиниҳои мушаххас дар самти пешгирии омилҳои ба коррупсия алоқаманд ва паст кардани сатҳи коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷалб намудани таваҷҷӯҳи аҳолӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба пешгирӣ ва роҳҳои решакан намудани зуҳурот ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар бораи моҳияти коррупсия, зарарҳо ва оқибатҳои ногувори он, зарурати мубориза бо коррупсия ва пешгирии он дар байни аҳолӣ ва бо ҳама восита ҷалби ҷомеаи шаҳрвандон дар пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ;
- таҳия ва пешниҳоди хабару мақолаҳо дар воситаҳои ахбори омма баҳри беҳдошти вазъияти ҳуқуқии аҳолии кишвар дар самти пешгирии омилҳои ба коррупсия алоқаманд ва паст кардани сатҳи коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мусоидат дар таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои миллӣ ва хориҷӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои барномавӣ оид ба аксуламал ба коррупсия;

- мусоидат ба Агентӣ *ҷиҳати вусъат додани* ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ, ассотсиатсияҳои бахши хусусӣ дар амалисозии фаъолияти зиддикоррупсионӣ;

- дастгирӣ ва амалисозии барномаҳои зиддикоррупсионӣ, барномаҳо оид ба ҷорисозии принсипҳои шаффофият ва ошкорбаёнӣ, барномаҳое, ки ҳамроҳ бо дигар созмону институтҳои ватанӣ ва байналмилалӣ амалӣ мешаванд;

- ташкил намудани семинарҳо, тренингҳо ва конфронсҳои муштараки мавзуӣ бо иштироки коршиносони байналмилалӣ дар самти мубориза бо коррупсия;

- ҷалб намудани лоиҳаҳои грантӣ, расонидани ёрии техникӣ ба Агентӣ, сафарбарии кормандон барои таҷрибаомӯзӣ, баланд бардоштани малакаи касбии мутахассисони мақомоти зиддикоррупсионӣ дар кишварҳои хориҷии дар ин самт пешрафта;

- хизматрасонии ташкилӣ, машваратӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, аз ҷумла ба тарзи қарордодӣ.

**2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадории тарафҳо.**

2.1. **Хазина ӯҳдадор аст**:

- дар доираи мазмун ва мӯҳтавои Ёддошти мазкур, иҷрои бевоситаро таъмин намояд ва имкониятҳои барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда, мавриди ҷалби кӯмаки созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ) ҳамаҷониба мусоидат намояд ва ҳуқуқ дорад бо ин мақсадҳо суратҳисоби бонкии худро истифода намояд;

- дар оянда иҷрокунандаи лоиҳаҳои амалишаванда баҳри пешгирии омилҳои ба коррупсия алоқаманд ва паст кардани сатҳи коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар амалишавии чорабиниҳо, гузаронидани вохӯриҳо шароит фароҳам меорад ва дар мувофиқа бо Агентӣ нақшаҳои дахлдор тартиб дода, онҳоро дар якҷоягӣ амалӣ менамояд;

- барои пешбурди муваффақона ва аз натиҷаҳои фаъолияти лоиҳаҳои амалишуда дар доираи ваколатҳои муқарраргардида ҳисоботҳоро ба Агентӣ пешниҳод кунад;

- дар таҳия ва амалӣ гардонидани барномаҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар самти пешгирии омилҳои ба коррупсия алоқаманд ва паст кардани сатҳи

коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имкониятҳои ҳамдигар истифода намуда, ҳамчун шарик ҷалб карда шавад;

- ҳамкорӣ дар соҳаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи пешниҳодҳои дахлдор оид ба ворид кардани тағйироту иловаҳо ба конунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мувофиқати онҳо ба меъёрҳои Конвенсияи СММ зидди коррупсия ва ҳамоҳангӣ бо дигар меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ.

2.2. **Агентӣ ӯҳдадор аст:**

- дар доираи Ёддошти мазкур барои Хазина шароити мусоид мавриди амалӣ намудани лоиҳаҳои муштарак мусоидат ва ҳамкорӣ менамояд;

- дар якҷоягӣ бо намояндагони ваколатдори **Тарафҳо** кормандони воҳидҳои Агентиро барои иҷрои лоиҳаҳои Хазина дар самти муқовимат бо коррупсия пешниҳод менамояд;

- воситаҳои молиявӣ ва моддӣ-техникии аз ҳисоби лоиҳаҳои грантӣ ва дигар кӯмакҳо аз дохил ва хориҷӣ кишвар, ки Хазина ҷалб намудааст, дар фаъолияти хизматӣ истифода мебарад.

**3. Мӯҳлати амал ва тағйиру иловаҳо**

Ёддошти мазкур аз вақти ба имзо расидани он аз ҷониби тарафҳо мавриди амал қарор дода мешавад.

Ҳамаи тағйиру иловаҳо ба таври хаттӣ бо имзои тарафҳо тартиб дода шуда, ҳамчун қисми ҷудонашавандаи Ёддошти мазкур замима мегарданд.

Тарафҳо мувофиқан, ки ҳар гуна чораҳои амалии ба иҷрои нақшаҳои муштарак дар самтҳои асосӣ ва ӯҳдадориҳо дар Ёддошти мазкур зикршуда, инчунин аҳдномаҳоро оид ба дастгирии молиявии ин чораҳо алоҳида қабул намоянд ва дар ҷараёни ҳамкорӣ қонунгузории амалкунандаро риоя ва дастрас намоянд.

Фаъолияти тарафҳо ғайритиҷоратӣ буда, ҳадафи ба даст овардани фоидаро надорад.

Дар Ёддошти мазкур **Тарафҳо** принсипи эҳтироми дуҷонибаро риоя мекунанд ва тавассути воҳиди дахлдори Агентӣ аз як тараф ва тавассути маъмурияти Хазина аз тарафи дигар, хамкорӣ доир менамоянд.

Асосҳо ва тартиби хотимаёбии Ёддошти мазкур аз рӯи қонунгузории ҷории Ҷумхурии Точикистон баррасӣ мешавад.

Тарафе, ки ба ҳолати ғайриинтизор дучор мешавад, ӯҳдадор аст тарафи дигарро дар муддати на дертар аз 30 - рӯз огоҳ намояд.

Баъди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба матни Ёддошти мазкур, онро бояд намояндаи ваколатдори тарафҳо имзо намояд.

Мӯҳлати иҷрои Ёддошти мазкур то охири соли 2018 ҷиҳати таҳияи лоиҳаҳои дар онҳо пешбинишуда муқаррар карда мешавад. Мӯҳлатҳои чорабиниҳои дигари муштараки ҷонибҳо, ки байни Хазина ва Агентӣ дар доираи Ёддошти мазкур таҳия ва тасдиқ мегарданд, ба таври мушаххас ва дар асоси лоиҳаҳои грантӣ дар нақшаи мувофиқагардида пешбинӣ мегарданд, амалӣ карда мешаванд.

Ёддошти мазкур дар ду нусха (як нусхагӣ барои тарафҳо) бо забони давлатӣ тартиб дода мешавад ва аз рӯзи ба имзо расиданаш эътибор пайдо мекунад.

Агар тарафҳо дар давоми 30 рузи пеш аз баохиррасии муҳлати Ёддошти мазкур ба таври хаттӣ оид ба бекоршавии он тарафи дигарро огоҳ накунанд, муҳлати он боз ба се соли дигар тамдидёфта эътироф карда мешавад.

**4. Ҳалли баҳсҳо.**

Ҳамаи баҳсҳо ва нофаҳмиҳое, ки байни тарафҳо ба вуҷуд меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

Дар вакти амалишавии Ёддошти мазкур ва ҳалли баҳсҳо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.

| Директори Хазинаи Авруосиёгии Осиёи Марказӣ-Тоҷикистон | Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
|---|---|
| ________________ А. Сайфиддинов | ________________Р.Эмомалӣ |
| ________________ соли 2016 | 15.03 ________________ соли 2016 |